**Суратмаҷлиси № 14**

ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-022

аз 12 ноябри соли 2020 ш. Душанбе

Иштирок доштанд: аз 20 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2020, № 61 тасдиқгардида, 17 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравaнд. Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад. Муҳтарам аъзои Шӯро ягон пешниҳоди дигар нест? Аъзои Шӯро хоҳиш намуданд, ки ҷаласа кушода шавад. Якдилона пешниҳод ҷонибдорӣ карда шуд.

**Рӯзномаи ҷаласа:**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсия унвонҷӯйи кафедраи филологияи араби факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тураев Абунаср Маҳмадхоҷаевич дар мавзӯи **«Хусусиятҳои грамматикӣ ва лексикии муарработи форсӣ (тоҷикӣ) дар забони арабӣ (аз рӯйи маводи “Фарҳанги ҷомеи корбурдии Фарзон”)»-и Парвизи Атобакӣ** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.22. – Забонҳои халқҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии (аборигенҳо) Амрико ва Австралия (забони форсӣ).

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси комиссия ташхиси Шӯрои диссертатсионӣ Ҳ. Маҷидов аъзои комиссияи ташхис А. Мамадназаров, Ф. Шарипова баромад намуданд (хулосаи комиссияи ташхис замима мегардад).

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Тураев Абунаср Маҳмадхоҷаевич дар мавзӯи **«Хусусиятҳои грамматикӣ ва лексикии муарработи форсӣ (тоҷикӣ) дар забони арабӣ (аз рӯйи маводи “Фарҳанги ҷомеи корбурдии Фарзон”)»-и Парвизи Атобакӣ** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.22. – Забонҳои халқҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии (аборигенҳо) Амрико ва Австралия (забони форсӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

- **Султонов Мирзоҳасан Баротович** – Сарходими илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ, доктори илмҳои филологӣ, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

- **Усмонова Мунаввара Холиқовна** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ таъйин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи минбаъда дар сомонаи КОА назди Президенти ҶТ ва чопи автореферат иҷозат дода шавад;

5.Таърихи рӯзи ҳимоя 25.02.2021, соати 13:00 таъйин карда шавад.

**Қарор қабул карда шуд:** якдилона.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Раҷабов Ҳ.

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Гулназарова Ж. Б.